# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН* ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2022

*Дар ҷамъбасти семоҳаи дуюми соли 2022, нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ, новобаста аз идома ёфтани низоъҳои сиёсӣ дар баъзе аз кишварҳои минтақа, вазъи ноустувори иқтисодӣ дар ҷаҳон ва дигар номуайяниҳою мушкилоти ҷойдошта, тибқи талаботи муқарраршуда иҷро гардиданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи дуюми соли 2022 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 25,1 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 13,1 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар ин давра аз ҳисоби зиёдшавии нобаробари сармояи танзимшаванда (20,1 фоиз) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (8,3 фоиз) ба вуҷуд омад. Меъёри К1-2 бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 0,6 б.ф. афзуда, ба 19,0 фоиз баробар гардид.

*1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 101,1 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи дуюми соли 2021 ба андозаи 4,3 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 107,0 фоизро ташкил намуд.

*2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




**Бонкҳо ва ТАҚХ*

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 9,1 фоиз ва 44,1 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мутаносибан ба андозаи 6,1 б.ф. ва 32,2 б.ф. зиёд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки бо фоида ҷамъбаст гардидани фаъолияти аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ ба афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур мусоидат намуд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар интиҳои моҳи июни соли 2022 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ ба 13,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 2,0 б.ф. кам мебошад.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 89,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи июни соли 2021 ба андозаи 0,2 б.ф. кам мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2022 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 2,0 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи июни соли 2021 ба андозаи 5,2 б.ф. коҳиш ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 2,5 б.ф. афзоиш ёфта, мувофиқан 28,9 фоиз ва 41,5 фоизро ташкил намуданд, ки аз тадриҷан паст шудани раванди тафовути долларикунонии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳанд.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*